«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ________________
«25» ______06______ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Иброҳимзода Муборак Иброҳим унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Иброҳимзода Муборак Иброҳим соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро бо дипломи аъло соли 2019 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19 сентябри соли 2020 №293-05 ба кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ қабул гардида, ҳамзамон, таҳсилро дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19 декабри соли 2023 №510-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2022 №3 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Назаров Аваз Қувватович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2023, №63 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025 №11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030 анҷом дода шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои бадастомада ба рушди тасаввуроти илмӣ дар бораи хусусиятҳои синну солии шахсоне, ки ҷиноят содир менамоянд, саҳми арзанда мегузоранд ва равияҳои консептуалии мавҷударо дар ин самт ғанӣ мегардонад. Тавассути мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин кор ҷанбаҳои асосии такмил бахшидани чораҳои пешгирии ҷинояткориро кушода баён менамояд, аз ҷумла таҳлили самаранокии механизмҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои иҷтимоӣ - психологӣ ва усулҳои пешгирии саривақтӣ. Ин омилҳо замина фароҳам меоранд барои бознигарии стратегияҳои амалкунанда бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, аз қабили тамоюлҳои демографӣ, омилҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти ҳокимияти судӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни криминология, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Иброҳимҳода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷиноятекор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ дар таҳқиқот бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад: аввалан, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни синну сол ва аҳаммияти онҳо дар пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва маъруза дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шуданд.

Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки бори аввал дар таҷрибаи илми криминологии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили мукаммали хусусиятҳои синнии шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот холигии мавҷудаи назариявию амалиро пур

намуда, муносибати низомиро ҷиҳати омӯзиши омилҳои синну сол ҳамчун унсури муайянкунандаи криминологӣ пешниҳод менамояд. Бар хилофи таҳқиқоти маҳдуди солҳои гузашта, ки ба ҷанбаҳои танги ҷинояткорӣ равона шуда буданд, ин рисола як ҳамгироии инноватсионии методологиро ташаккул медиҳад. Он воситаҳои омори криминологӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва таҳлили иҷтимоӣ-психологиро муттаҳид мекунад ва модели ташхисии бисёрсатҳаро эҷод менамояд.

Таҳлили омилҳои дар синну соли муайян содир гардидани ҷиноятҳо ва механизмҳои пешгирӣ кардани он ба таври комплексӣ сурат гирифтааст. Дар рисолаи илмӣ тавсифи муфассали гурӯҳҳои синну солӣ ва маҷмуи сабабҳои содир шудани ин намуди ҷиноятҳо таҳлил карда шуда, масъалаи такмили қонунгузорӣ дар самти пешгирии ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ноболиғон содир мешаванд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6, 62 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Иброхимзода, М. И. Криминологические проблемы предупреждения преступности в отношении несовершеннолетных [Текст] / М. И. Иброхимзода // Государственное управление. – 2021. – №1 (50). – С. 177 - 182.

**[2–М].** Иброҳимзода, М. И. Мафҳуми сину сол ва аҳамияти он дар тавсифи криминологии шахсияти ҷинояткор [Матн] / М. И. Иброҳимзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 148 - 153.

**[3–М].** Иброҳимзода, М. И. Проблемаҳои криминологии пешгирии ҷинояткорӣ вобаста ба шахсоне, ки сину солашон бакамолрасида [Матн] / М. И. Иброҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 106 - 109.

**[4–М].** Иброҳимзода, М. И. Хусусияти иҷтимоӣ - демографии сину соли шахсияти ҷинояткор [Матн] / М. И. Иброҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 159 - 163.

**[5–М].** Иброҳимзода, М. И. Проблемаҳои мафҳуми сину соли ҷинояткор дар илми криминология [Матн] / М. И. Иброҳимзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4/2 (64). – С. 333-342 .

**[6–М].** Иброҳимзода, М. И. Баъзе масъалаҳои муҳими пешгирии ҷинояткорӣ: таҳлили илмӣ - назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М. И. Иброҳимзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №2 (67). – С. 299- 304.

**[7–М].** Иброҳимзода, М. И. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ-воситаи муҳимми пешгирии ҷинояткорӣ [Матн] / М. И. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №6. Қисми 1. – С. 246 - 250.

**[8–М].** Назаров, А. Қ., Иброҳимзода, М. И. Хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткор [Матн] / А. Қ. Назаров, М. И. Иброҳимзода // Фуруғи илм. – 2024. – №1.– 52.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[9–М].** Назаров, А. Қ., Иброҳимзода, М. И. Баланду пастравии ҷинояткории аз ҷониби ноболиғон содиршуда [Матн] / А. Қ. Назаров, М. И. Иброҳимзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ». – Душанбе, 2024. – С. 469 - 477.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Иброҳимзода Муборак Иброҳим дар мавзуи «Таҳқиқоти криминологии хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор: проблемаҳои назариявӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 23 июни соли 2025 таҳти рақами №11қабул шуд.

Иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**н.и.ҳ., профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:** **Хабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Ямоқова З.Д. ва ХабибзодаН.Х.-ро**

**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«25» 06 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj